**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна дар мавзуи «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ. (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ)**

Шаҳри Хуҷанд аз дуртарин даврони таърихӣ ба унвони яке аз марказҳои бонуфузи адабиёт, илму маърифат, ҳикмату андешаи тоҷикон эътироф гардида, дар домани ин сарзамини соҳиби фазилатҳои нодир фарзонагоне аз аҳли илму адаб ба камол расидаанд, ки дар густариши на танҳо фарҳангу адабиёти миллӣ, балки тамаддуни ҷаҳонӣ хидмат кардаанд. Дар ин миён, номҳои зиёде аз зодагони ин диёрро метавонем ба забон биёварем, ки барои пешрафти адабиёти форсу тоҷик саҳми арзанда гузоштаанд. Хосатан, аз нимаи дуюми XVIII то нимаи аввали асри XX суханвароне дар ин қаламрави адабиёти форсу тоҷик зиндагӣ ва эҷод намудаанд, ки баҳри таҳаввули равандҳои муҳимми адабии Фароруди он рӯзгор хидмат кардаанд. Таҳқиқоти анҷомёфта муқаррар намудааст, ки танҳо дар ин давра бештар аз 60 шоир дар ҳавзаи адабии Хуҷанд зодаву парварда шудааст. Ҳарчанд гурӯҳе аз онҳо бо тақозои замон ва вазъи зиндагонӣ ба манотиқи дигар сафар кардаву идомаи зиндагӣ ва эҷоди хешро дар он маконҳо сипарӣ кардаанд, вале ҳамоно бо иртибот ба муҳити адабии ин шаҳр суннатҳои шаклгирифтаи шеъри замонро бо ҳамон шеваи махсус давом бахшидаанд. Бо назардошти ҳамин хадамоти арзишманди суханварони шаҳри Хуҷанд дар рушди адабиёти тоҷик донишмандони соҳибноми тоҷик Эргашалӣ Шодиев ва Абдулманнони Насриддин ба таври алоҳида тазкираи шоирони Хуҷандро фароҳам овардаанд, ки сарчашмаҳои муҳим дар шинохти адабиёти ин ҳавзаи адабӣ дар қаламрави таърих арзиш ва аҳаммияти муҳимеро соҳиб мебошанд. Ба ишорати донишманди зиндаёд устод Абулманнони Насриддин ин ҳанӯз поёни кор нест ва бояд ҷусторҳо дар

ҷодаи шинохти суханварони ҳавзаи адабии Хуҷанд, ки қисмате аз онҳо ҳарчанд эҷодро дар зодгоҳи худ оғоз намуда, баъдан ба манотиқи дигар сафар кардаанд, идома дода шавад, зеро ҳанӯз шоирони зиёдеро пайдо метавон намуд, ки бар асари камбудии мавод ва дастрас нашудани мероси онҳо ба ин тазкираҳо шомил нашудаанд. Махсусан, бахше аз шоироне, ки дар нимаи дуюми асри XVIII то аввали асри XX зиндагӣ ва эҷод намудаанд. Дар баробари ин, ҳарчанд роҷеъ ба намояндагони ҷудогонаи адабиёти ин давр, ки аз ҳавзаи адабии Хуҷанд бархостаанд, таҳқиқоте ҷудогона ба поён расидааст, вале манзараи куллии рушди адабиёт дар ин ҳавзаи адабӣ то кунун дар сурати умумӣ мавриди пажуҳиш қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, диссертатсияи доктори фалсафа (PhD) Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна дар мавзуи «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX», ки яке аз ҳадафҳои аслии таълифи он сарчашма дар афкор ва ормонҳои устоди зиндаёд Абдулманнони Насриддин дорад, аз аввалин кӯшишҳо дар таҳқиқи вазъи адабиёт ва ҷойгоҳи адибону суханварони шаҳри Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII то аввали асри XX, яъне як давраи муайяни таърихии рушди адабиёти форсу тоҷик дар ин ҳавзаи адабӣ ба шумор меравад.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 бобу 11 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар ҳаҷми 189 саҳифа иншо гардидааст. Диссертант Ҳомидова Шамсия таҳқиқи мавзуъро аз замони донишҷӯӣ дар мисоли мероси адабии яке аз суханварони ин давра – Файёзи Хуҷандӣ оғоз намуда, баъдан давоми солҳои 2016-2021 ба таҳқиқи бевоситаи мавзуъ машғул гардид. Дар ҷараёни машғулият ба омӯзиши мавзуъ, пеш аз ҳама аз сарчашмаҳои фаровони адабӣ, хоса нусхаҳои хаттии девон ва баёзҳо истифода намуда, пажуҳишҳои фаровоне дар ин арса роҷеъ ба вазъияти адабиёти давр, ҷараён, ҳавзаҳои адабии  дигар ва равобити суханваронро мутолеа кардааст, то арзиш ва аҳаммияти корҳои таҳқиқии хешро афзунтар гардонад.

Яке аз ҳадафҳои аслии таълифи диссертатсия муайян кардани симоҳои адабие, мебошад, ки ҳанӯз зиндагӣ ва мероси адабии онҳо комилан муаррифӣ ва таҳқиқу баррасӣ нашудаанд. Ҷусторҳои анҷомдодаи докторант дар ин арса имконият додаанд, ки дар баробари таҳқиқи вежагиҳои ашъори шоироне, ки зикрашон дар «Тазкираи шоирони Хуҷанд»-и Абдулманнони Насриддин рафтааст, чанд тан аз шоирон ва мероси адабиашонро, пеш аз ҳама дар асоси нусхаҳои хаттии девони онҳо, инчунин баёзҳо пайдо намояд, ки бори аввал маҳсули эҷодашон ба риштаи таҳқиқ кашида мешаванд. Дар баробари ин, мавзуъ ва мундариҷа ашъор, сабки эҷоди шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд ва инкишофи жанрҳои адабӣ низ мавриди пажуҳиши диссертант қарор гирифта, саҳми бонувони суханвар ба таври ҷудогона дар рушди адабиёти замон ба пояи пажуҳишҳои анҷомдода муқаррар гардидааст. Дар шумори мавзуоти дигари роиҷ васфи Хуҷанд ҳамчун яке аз масъалаи меҳварии муҷассам дар шеъри шоирони ин ҳавза аз назари муҳаққиқи ҷавон дур намондааст, зеро ҳамин мавзуъ низ аз ҷумлаи омилҳои аслии пайванд ва муштаракоти шоирон эътироф гардидааст, ки боиси рабти онҳо ба як муҳити адабӣ низ шудааст. Баррасии ҷараёнҳои куллии адабиёти давр дар мисоли мактаби пайравони Бедил, маорифпарварӣ ва зуҳури «шеъри нав» низ барои диссертант имкон додааст, ки саҳми суханварони ҳавзаи адабии Хуҷандро дар инкишофи ин мактаб ва равандҳои адабии замон мушаххас ва муҳимтарин шеваҳои иртиботи онҳоро бо ин тамоюлҳои шеъри тоҷикӣ дар асрҳои мазкур муқаррар созад.

Бо назардошти он ки ҳоло диссертант чанд нусхаи хаттии девони шоирони ин давр, аз ҷумла Шӯхии Хуҷандӣ, Нозили Хуҷандӣ, Ғозии Хуҷандӣ, баёзҳои дигари шомили ашъори суханварони ҳавзаи адабии Хуҷандро дар ихтиёр дорад, метавонад дар оянда барои таҳияи мероси ин суханварон иқдом намуда, пажуҳишҳоро дар ин арса идома бахшад.

Диссертант дар заминаи пажуҳиши мавзуъ 12 мақола, аз ҷумла 4 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ба нашр расонидааст, ки аз ҷумлаи онҳо 1 адад ба забони англисӣ мебошанд.

Аз ин рӯ, ба таври куллӣ метавон изҳор дошт, ки диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна дар мавзуи «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» пажуҳиши тозае дар адабиётшиносии тоҷик мебошад, ки бо риояи талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қалам омада, диссертант шоистаи дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ. (6D021403– Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ) мебошад.

**Доктори илми филология, муовини**
**директори институти илмӣ-тадқиқотии**
**илмҳои ҷомеашиносии МДТ-и**
**«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи**
**академик Б. Ғафуров**
**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд**
**Хуррамшаҳр, 38.**
**Тел: (992)928763797**
**Емайл: nurali74@mail.ru**

**Нуров Н.Н.**

**«Имзои Н.Н.Нуровро тасдиқ мекунам»**
**Сардори Раёсати кардҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Б. Ғафуров**
**Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд**
**Гузаргоҳи Мавлонбеков 1.**
**Тел: + (992) 90040202**
Емайл: n. ehson@mail.ru

**Наврӯзов Э.**